**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзуи «Туҳфаи шоҳӣ»- и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руи ихтисоси 07.00.09. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ(илмҳои таърих) Душанбе, 2023.**

Бо шарофати Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омӯзиш ва таҳқиқи ҷиддии манобеу сарчашмаҳои таърихӣ шароит муҳайё гашт. Омузиш ва таҳқиқи "Туҳфаи шоҳӣ"-и Мирзо Абдулазими Сомӣ моро ба сӯи хештаншиносӣ мебарад.

Яке аз чунин рисолаҳои таърихӣ асари "Туҳфаи шоҳӣ"-и Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстонист, ки аз манобеи арзишманди даврони ҳукумати хонадони манғит дар аморати Бухоро ҳисобида мешавад. Аз он ҷо, ки муаллифи ин рисола худ муддати тӯлонӣ дар хидмати амир Музаффар (1860-1885) буд ва вазифаи воқеанигори расмии сипоҳи Бухороро ба зимма дошт, шоҳиди бевоситаи бисёре аз ваҳоеи даврони ҳукумати ин амир, амсоли ҷангҳои ӯ бо ҳокимони Шаҳрисабз ва Россия маҳсуб меёбад. Маҳз вобаста ба ҳамин арзишҳо омӯзиши он ҳамчун манобеи муҳимми таърихи асрҳои миёна ва нимаи дуюми асри XIX дар доираи як рисолаи номзадӣ мавриди таҳқиқ интихоб гардид.

Рисолаи илмии Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзуи «Туҳфаи шоҳӣ» - и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ ба таҳқиқи яке аз осори арзишманди асримиёнагӣ бахшида шуда, дар таърихи халқи тоҷик аҳамияти вижаеро дорост.

Рисолаи мавриди назар аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, аҳаммият, дараҷа омузиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳову навгониҳои илмӣ таҳқиқ ва асоснок карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия -"Туҳфаи шоҳӣ-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ва сохтори он" унвон гирифта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум - "Замони зиндагӣ, аҳвол ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ" диссертант замони зиндагии Мирзо Абдулазими Сомиро дар аморати Бухоро ба давраи ҳукмронии се намояндаи хонадони Манғития мувофиқ медонад.

Тибқи тадқиқоти диссертант Мирзо Абдулазими Сомӣ ба ҷуз ду асари таърихӣ "Туҳфаи шоҳӣ" ва "Таърихи салотини манғитияи доруссалтанаи Бухорои Шариф" таълифоти зиёди дигаре низ мерос

мондааст. Аз ҷумла, “Рисолаи иншо”, ки бо номи “Танзия-л-иншо” ва “Санъати махзан”, ки дастур ба иншонависон мебошад.

Вобаста ба фарогирии воқеаҳои таърихӣ ва ё аз назари хронологӣ «Туҳфаи шоҳӣ»-ро диссертант ба ду бахши алоҳида – таърихи Мовароуннаҳр дар давраи ҳукмронии хонадони Аштархониҳо (фаслҳои 1-3) ва таърихи аморати Бухоро (фаслҳои 4-72) тақсим намудааст.

Боби дуюми рисола - “Инъикоси вазъи сиёсӣ ва идории Хуросон ва Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XYIII - нимаи аввали асри XIX дар “Туҳфаи шоҳӣ” унвон дошта, таҳқиқи масоили вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳр дар замони Аштархониён ҳамчунин таърихи сиёсии Мовароуннаҳр дар замони ҳукумати манғитиҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби якум - “Бозтоби таърихи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XYIII дар «Туҳфаи шоҳӣ» вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳр дар замони Аштархониён (нимаи аввали асри XYIII) бо истифода аз равишҳои санҷидашудаи таърихӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми рисола – “Зикри лашкаркашиҳои амирони манғит ва истилои баъзе қаламрави аморати Бухоро аз ҷониби ҳукумати подшоҳии Рус дар Туҳфаи шоҳӣ» ном дорад, ки аз ду зербоби алоҳида иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм - “Инъикоси лашкаркашии амирони манғит ба қаламрави кишварҳои ҳамсоя дар охири асри XYIII - нимаи аввали асри XIX дар «Туҳфаи шоҳӣ” таърихи лашкаркашиҳои амирони манғит амсоли амир Шоҳмурод, Ҳайдар ва Насруллоҳ ба хориҷ аз аморати Бухоро дар асоси манбаи мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Диссертант, омӯзиши таърихи сиёсати амир Музаффар ва воруди қувваҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳии Рус ба сарзамини Осиёи Миёна дар асоси “Туҳфаи шоҳӣ” ва муқоисаи он бо дигар манобеъи таърихӣ хулоса карда, сабаби парокандагии лашкар, фирори ҳокимон аз майдони ҷанг, сари таъзим фуруд овардани сарварони қабилаҳои алоҳида, боиси шикасти сипоҳиёни аморати Бухоро гардид.

Дар банди хулосаи автореферат муаққиқ бардоштҳои худро дар 15 банд ҷамъбаст намудааст. Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, тибқи талаботи ҷории КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии асари мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд. Мақолоти нашрнамудаи унвонҷу, ки миқдори онҳо ҳашт адад аст, мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Абдулзода Зиёдулло Назар кори

баанҷомрасида буда, мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштаи унвонҷу иҷро шудаанд. Дар автореферати диссертатсияи мазкур баъзе аз лағзишу норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар нашри ояндаи кор судманд хоҳад буд.

Кори илмии Абдулзода Зиёдулло Назар, - Дар чаҳорчубаи талаботҳои рисолаи илмӣ таълиф шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ҷавобгу мебошад.

Номзади илми таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Муллочонов А.К.

07.09. 2023.

Имзоро тасдиқ мекунам:
Сардори бахши кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ — Шарипов У.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ